Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, бинои таълимии 8, синф. 102)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Убайдуллозода Файзулло Убайдулло ба диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешкаш карда шудааст.**

## 1.Муҳиммият ва зарурияти тадкиқоти гузаронидашуда

Дар шароити муосир, бахши давлатӣ ва соҳибкории давлатӣ дар иқтисодиёт нақши калидӣ мебозанд, ки таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ, танзими бозор ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиро таъмин мекунанд. Бахши давлатӣ доираи васеи ташкилотҳоро, аз вазоратҳо ва муассисаҳои коммуналӣ то корхонаҳои давлатиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки соҳибкории давлатӣ фаъолияти тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратии давлат оид ба истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳое мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумимиллӣ, аз қабили таҷдиди сохтори иқтисодиёт ва ҳавасмандгардонии пешрафти илмӣ-техникӣ заруранд.

Навгониҳои назарияи иқтисодии муосир, ба монанди неоинституционализм ва иқтисоди бахши давлатӣ, барои таҳқиқи нақши давлат импулси тозае мебахшанд. Дар ин шароит, масъалаи рушди соҳибкории давлатӣ, самаранокии он ва андозаи муносиби бахши давлатӣ бештар ба саҳнаи баҳсҳои шадид ворид мешавад

Барои рушди соҳа бахш ва саҳибкории давлатӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Муносибат дар шароити муосир ин маҷмӯи равандҳои таъсир ва вобастагии байни одамон, объектҳо ва системаҳо мебошад, ки тавассути мубодилаи энергия, модда ва иттилоот, аксар вақт бо истифодаи технологияҳои рақамӣ амалӣ мегардад. Дар сатҳи байнишахсӣ, ин ҳам шаклҳои воқеӣ ва ҳам маҷозии муоширот, фаъолияти муштарак ва сохтмони муносибатҳоро дар бар мегирад, ки метавонанд ҳам ҳамкорӣ ва ҳам рақобатпазир бошанд.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар кишвар боиси он гардид, ки дар раванди хусусигардонӣ бисёр корхонаҳо ба моликияти хусусӣ гузаштанд. Фаъолияти навин дар шароити бозор ба тиҷорат имкон дод, ки даромади устувор ба даст орад, бо вокуниши тез ба муносибати талаботу пешниҳод, ва рақобати бозорӣ рушди истеҳсолот ва молҳои навро ҳавасманд кард. Механизмҳои бозорӣ на ҳамеша қодиранд, ки рушди технологӣ ва афзоиши мутавозини соҳаҳоро таъмин кунанд.

**2.Робитаҳои таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, инчунин татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Инчунин дар кор ҳадафҳои дар назди Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои табодули рақамикунонии соҳаҳо гузошта шудааст, ба назар мерасад.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсияи бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.**

Дар диссертатсияи мазкур навгониҳои илмӣ бо дарназардошти вазифаҳо муқаррар карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда дар асосноккунии назариявӣ ва амалии соҳибкории давлатӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ зоҳир мегардад. Инчунин, навгонии илмӣ дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои бо соҳибкории давлатӣ алоқамандбуда, самтҳои фаъолияти он ва ошкор намудани омилҳои асосии ба соҳибкории давлатӣ таъсиррасонанда зоҳир мегардад

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамояд аз чунин нуқтаҳо иборатанд:

– дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, равишҳои консептуалии мавҷуда оид ба соҳибкории давлатӣ таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ пешниҳод карда шуд. Қайд гардидааст, ки соҳибкории давлатӣ ҳамчун фаъолияти тиҷоратию истеҳсолии корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бо саҳми сармояи давлатӣ ба ҳисоб меравад;

– дар асоси омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии соҳибкории давлатӣ, шаклҳои иштироки давлат дар ин

соҳа муайян карда шуданд. Соҳибкории давлатӣ тавассути иштирок дар идоракунии корхонаҳо, ташаккули системаи пешниҳодҳои сармоягузории давлатӣ, шарикии давлатию хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳо, инчунин тавассути системаи фармоишҳои давлатӣ зоҳир мегардад;

– вазъи муосири соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳлили вазъи соҳибкории давлатӣ, фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ ба таври васеъ нишон дода, корхонаҳои давлатӣ, ки дар заминаи он соҳибкории давлатӣ амалӣ мегардад, хусусияти яккаҳукмронӣ доранд ва дар соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ташкил карда шудаанд, дида баромада шудааст. Илова бар ин, соҳибкории давлатӣ на танҳо дар соҳаҳое рушд меёбад, ки барои сармояи хусусӣ дастнорасанд, балки ҳамчунин дар он соҳаҳое, ки бахши хусусӣ наметавонад фаъолияти иқтисодиро ба таври самаранок таъмин намояд дарҷ гардидааст;

– шарикии бахши давлат ва хусусӣ ҳамчун бахши муҳими иштироки давлат дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд. Нишон дода шуд, ки давлат дар шароити муосир дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз шарикии бахши давлат ва хусусӣ васеъ истифода менамояд;

– исбот карда шуд, ки соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши назаррас дошта дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ саҳмгузор мебошанд. Инчунин, дар кори диссертатсионӣ хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкории давлатӣ аз бахши хусусӣ муайян карда шудааст;

– самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир муҳимтарин самтҳои такмили соҳибкории давлатӣ вусъат бахшидан ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки соҳибкории давлатӣ, инчунин такмили механизми танзими он маҳсуб меёбад.

**4.Асосноки ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида**

Муқаррароти илмии дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсия менамояд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори

кофии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаиҳои таҳқиқотӣ вобастаи ба мавзӯи илмӣ, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф дар диссертатсия дарҷ гардидааст, исбот менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили баланд бардоштани шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории давлати, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

**5.Мундариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо иборат мебошад. Дар таҳия намудани диссертатсия 177 сарчашма истифода карда шудааст. Матни диссертатсияи мазкур аз 178 саҳифаи чопӣ иборат буда, дорои 18 ҷадвал, 1 диаграмма ва 6 расм мебошад.

**Дар боби якум - “Асосҳои назариявии рушди соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир”** –боби мазкур **аз омӯзиши** соҳибкории давлатӣ ва нақши он дар шароити муосир, асосҳои назариявии рушди бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир ва ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ иборат мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои муҳим ва фарққунандаи соҳибкории давлатӣ дар он аст, ки андозаи он ҳудуди муайян дорад ва аз як қатор омилҳо иборат мебошад, аз қабилӣ: иқтидори иқтисодии бахши хусусӣ, махсусан монополия, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозори молу хизматҳо, мақсад ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии давлат ва ғайра вобаста мебошад.

Бо дарназардошти он ки давлат ҳамчун субъекти махсуси иқтисодию иҷтимоӣ буда, дар сатҳи макроиқтисод саҳми назаррас дорад. Дар кор муаллиф хусусиятҳои соҳибкории давлатиро чунин шарҳ додааст:

1. Давлат ҳамчун соҳибкор бевосита ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул нест, яъне давлат ё ба сифати муассиси фаъолияти хоҷагӣ баромад менамояд ё ин ки бо шартҳои муайян ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодабарии объектро ба бахши хусусӣ мегузаронад.

2. Давлат бо истифодабарии сармояи худ масъалаҳои стратегиро ҳал менамояд. Давлат корхонаҳоро таъсис дода, танҳо самти фаъолияти

онҳоро муайян менамояд, роҳбари онро таъин ва манбаи сармоягузории онро муайян намуда, тартиби тақсимоти даромадро байни молик ва субъекти хоҷагидор муқаррар менамояд .

3. Даромаднокии сармояи давлатӣ маҳаки ягонаи муваффақияти бизнес буда наметавонад, зеро ки давлат натанҳо барои рушди моликияти давлатӣ ва бахши давлатӣ, балки барои тамоми иқтисодиёт масъулият дорад. Вобаста ба ин бахши давлатӣ вазифаҳои дигарро ба монанди вазифаҳои иқтисодӣ (дастгирии молиявии соҳибкории хурд, рушди минтақаҳои сустинкишофёфта, таъмини инфрасохтори иқтисоди миллӣ) ва иҷтимоӣ ба монанди нигоҳдошт ва зиёд кардани ҷойҳои корӣ, таъмини муҳити атроф, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраиҷро менамояд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ барои самаранок фаъолият намудани иқтисодиёти кишвар хеле зарур мебошад.

Бахши давлатӣ ё бахши ҷамъиятӣ муҳимтарин ҷузъи низоми иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аммо, иқтисоди бозориро бе гуногуншаклии моликият ва иштироки шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар фаъолияти исеҳсолӣ, хизматрасонӣ, тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро давлат ва бахши давлатӣ низ бояд як қатор самтҳои барои иқтисодиёт аҳаммияти муҳимдоштаро зери назорати худ гирад, воридшавии бахши хусусиро ба ин самтҳо маҳдуд намояд.

Дар боби мазкур муаллиф доир ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ масъалаҳои ташаккули соҳибкории давлатӣ дар шароити муосир, бахши давлатии иқтисодиёт, усулҳои танзими нархҳо, низоми институтсионалии бахши давлатӣ, вобастагии натиҷаҳои фаъолияти бахши давлат ба параметрҳои муҳити институтсионалӣ, таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро дар самти мазкур ба таври мукаммал дида баромадааст.

**Дар боби дуюм - "Вазъи муосир ва рушди соҳибкории давлатӣ дар шароити муосир" – дар боби мазкур доир ба** вазъи соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо гузаронида шуда, ҷанбаҳои институтсионалӣ, омилӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкории давлатӣ муайян карда шудааст. Инчунин имкониятҳои шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар шароити муосир ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ бе такмилдиҳии соҳибкории инноватсионӣ ғайри имкон аст.

Дар Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои пасошӯравӣ, аз солҳои 90-ум сар карда, хусусигардонӣ ва аз давлатӣ баровардани моликияти

давлатӣ идома дорад. Ин боис шуд, ки шумораи корхонаҳои давлатӣ дар муқоиса бо корхонаҳои хусусӣ камтар шавад ва таносуби байни ин ду ба манфиати бахши хусусӣ тағйир ёбад. Ҳоло дар Тоҷикистон корхонаҳои истеҳсолии давлатӣ хеле каманд. Тибқи гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, дар Тоҷикистон беш аз 1000 корхона бо иштироки давлат ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин миён зиёда аз 600-тоаш моликияти давлатӣ мебошанд. Ин корхонаҳо дар соҳаҳои мухталиф, ҳатто дар бахшҳое, ки корхонаҳои хусусӣ хеле хуб фаъолият мекунанд, амал мекунанд.

Гарчанде ки фаъолияти корхонаҳои давлатӣ дар соҳаҳои зикршуда аз лиҳози қонунӣ мушкиле надошта бошад ҳам, имтиёзҳои давлатӣ ба онҳо, аз қабили имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва дотатсияҳо, инчунин сабукӣ дар назоратҳо, боиси халалдор шудани равандҳои бозорӣ ва монеа эҷод кардан ба рушди бахши хусусӣ мегардад. Ин имтиёзҳо метавонанд самаранокии бозорро коҳиш дода, фаъолияти соҳибкорони хусусиро душвор созанд.

Дар кор муаллиф қайд менамояд, ки айни ҳол, дар кишвар қонунгузории мушаххасе, ки тартиби таъсис ва фаъолияти корхонаҳои дорои сармояи давлатиро танзим кунад, вуҷуд надорад. Ин корхонаҳо асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, саноат, истихроҷ ва коркарди маъданҳо, идоракунии захираҳои об ва хизматрасониҳои нақлиётӣ фаъолият мекунанд.

Ба ақидаи муаллиф дар асоси таҳлили ҷанбаҳои институтсионалӣ, омилӣ ва иқтисодии бахши давлатӣ чунин хулосаҳо метавон намуд:

- дар шароити муосир давлат ҳамчун институти махсуси танзимкунандаи бозор тавассути усулҳои гуногун метавонад ба равандҳои иқтисодӣ таъсир расонад;

- дар Ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории давлатӣ ва хусусӣ заминаҳои мусоиди институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст. Аммо нисбати бахши хусусӣ ба бахши давлатӣ имконияти бештари машғул гардидан ба фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ дода шудааст;

- бахши давлатӣ дар самтҳои муҳими хоҷагидорӣ фаъолият намуда, на танҳо барои гирифтани фоида, балки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ хизмат менамояд;

- бахши давлатӣ дар шароити муосир дар таъмини шуғли аҳолӣ саҳми арзанда дошта 20%-и шуғлдоштагон дар иқтисодиёт маҳз дар ин бахш бо кор таъминанд, ки дар шароити зиёдшавии корхонаҳои хусусӣ, коллективӣ нишондиҳандаи бад нест;

- соҳибкории давлатӣ дар бахшҳои муҳим ба монанди энергетика, инфрасохтор, саноати истихроҷ ва коркарди конҳо, таъминоти об, гармӣ ва ғайра ташкил карда шудааст, ки барои дигар субъектҳои хоҷагидорӣ воридшавӣ ба ин соҳаҳо мушкил мебошад. Инчунин, корхонаҳои воҳиди давлатӣ барои ҷори намудани инноватсия ҳавасманд нестанд. Мутаассифона ин мушкилот ҳоло дар қаламравӣ роҳи ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтааст.

**Боби сеюми диссертатсия ба "Роҳҳои мукаммалгардонии рушди соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст.** Дар боби мазкур мукаммалсозии самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории давлатӣ ва самтҳои асосии мукаммалгардонии сиёсати иқтисодии давлат ва бахши давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир бахши давлатӣ муҳимтарин сохтори бахши ҷамиятӣ мебошад. Фаъолияти хоҷагидории давлат ҳамчун субъекти иқтисодӣ, институти танзимгари муносибатҳои иқтисодӣ барои дигар субъектҳои иқтисодӣ шароити фаъолият намуданро фароҳам меоварад. Фаъолияти соҳибкории давлатӣ дар шароити тез тағйирёбандагии иқтисодиёти ҷаҳон бояд ба навоварӣ равона карда шавад. Бахши давлатӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ танҳо дар асоси ба роҳ мондани фаъолияти яккаҳукмронӣ пеш рафта истодааст. Аммо, дар шароити муосир бояд давлат аз усулҳои бозории рақобат ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёт истифода намояд. Давлат дар фаъолияти худ на танҳо манфиатҳои худ, балки манфиатҳои аҳолиро низ бояд ҳимоя намояд. Аз ин рӯ, онро бахши ҷамъиятӣ низ меноманд. Воридшавии давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ тақозои замон аст, зеро бо ин роҳ давлат имкон пайдо менамояд, ки даромадҳои ғайриандозии худро бештар намуда дар оянда ҳамчун иштирокчии муҳими бозор баромад намояд.

Муаллиф ба он ақидааст, ки дар шароити муосир зарурияти мавҷудияти бахши давлатӣ дар чунин шароитҳо муайян карда мешавад:

– давлат дар раванди истеҳсоли молу хизматҳо ё истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар мавриде ширкат меварзад, ки агар ин бахш ё соҳаҳо барои доираи бизнес диққатҷалбкунанда набошанд ё соҳибкорон ҳавасмандии кам дошта бошанд;

– дар рафти фаъолияти хоҷагидорӣ барои танзими давлатии иқтисоди миллӣ, давлат аз фишангҳои молиявии худ истифода намуда аз як тараф воридоти маблағҳоро ба буҷет ва аз тарафи дигар бошад азнавтақсимкунии онро таъмин менамояд;

– давлат барои фаъолияти дигар субъектҳои иқтисодӣ дар самти фаъолияти хоҷагидорӣ шароит фароҳам меоварад ва чорчубаи фаъолияти онҳоро муайян менамояд;

– яке аз хусусиятҳои бахши давлатӣ дар он аст, ки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда аз тарафи давлат анҷом дода мешавад. Ин амал дар бештари ҳолатҳо ба паст гардидани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонад;

– корхонаҳои давлатӣ дар фарқият ба корхонаҳои бахши хусусӣ дар муайян намудани самти фаъолият ва нархгузорӣ озод нестанд;

– давлат ҳуқуқ дорад дигар субъектҳои иқтисодиро барои пардохти андоз, боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳо маҷбур намояд. Ин имкониятро бахши хусусӣ доро нест ва тамоми дастурҳое, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ пешкаш карда мешавад онро бояд риоя намояд;

– тамоми захираҳои иқтисодӣ аз қабили захираҳои табиӣ дар ихтиёри давлат мебошанд ва бе иҷозати давлат бахши хусусӣ ба истифодабарӣ ва коркарди онҳо роҳ надорад.

Муаллиф ба он ақидааст, ки давлат ҳамчун субъекти муҳими иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ як қатор вазифаҳо ва уҳдадориҳои муайянро доро мебошад. Таҳкими заминаҳои иқтисодии бахши давлатӣ ва сиёсати иқтисодии давлат аз шаклгирии равандҳои иқтисодӣ, таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ вобаста мебошад. Давлат ҳамчун субъекти хоҷагидор дар шароити иқтисоди бозорӣ самаранокии паст дар равандҳои истеҳсолот ва хизматрасониро доро мебошад. Фаъолияти истеҳсолии давлат на ҳамавақт барои беҳтар гардидани фаъолияти дигар субъектҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Баъди аз байн рафтани ҳукумати шуравӣ Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ рӯ овард. Ин ҳолат муайян сохт, ки танҳо бахши давлатӣ дар шароити буҳронӣ қарорҳои стратегӣ қабул карда метавонад, ки барои муътадилгардонии вазъи иқтисодӣ мусоидат намояд. Фаъолияти самараноки бахши давлатӣ дар ҳолате ба вуҷуд омада метавонад, ки сиёсати иқтисодии давлат дуруст бошад. Сиёсати иқтисодии давлат дар шароити муосир аз ҳадафҳои гузоштаи он барои рушди иқтисоди миллӣ дар дурнамо муайян мешаванд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳамчун падидаи нав дар аввали ташаккулёбиаш диққати олимону муҳаққиқонро бештар ҷалб намуд. Таҳқиқотҳо дар самти омузиши қонуниятҳо, ва принсипҳои бозор, тағйирёбии тамоюлҳо, рушди бахши хусусӣ якбора афзоиш ёфта, таваҷҷуҳи аҳли илм ба масъалаи омузиши фаъолияти хоҷагидории давлат зина ба зина коҳиш ёфт.

**6. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат дар диссертатсия баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуданд:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо ба корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда кам оварда шудаанд, ҳарчанд, ки корҳои илмии ба мавзӯи таҳқиқшаванда наздик зиёданд.

2. Хуб мешуд агар дар параграфи 1.3. доир ба ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя мавриди омузиш қарор дода мешуд.

3. Ҷадвали 2.1.3. - натиҷаи фаъолияти молиявии корхонаҳои азими давлатӣ (фоида – зарар) дар солҳои 2022-2024 мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ба андешаи мо агар муаллиф дар ҷадвал ҷанбаҳои мусбӣ ва манфиро ба таври муфассал меовард таҳлил ранги дигар мегирифт.

4. Ҷадвали 2.1.4. ба даромади умумии корхонаҳои азими давлатӣ дар соли 2023 (ҳазор сомонӣ) бахшида шудааст. Агар муаллиф даромади корхонаҳои давлатӣ ва хусусиро мавриди таҳлил қарор дода, фарқияти онро нишон медод боз ҳам хубтар мешуд.

Дар умум эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳад. Инчунин, бояд қайд кард, ки диссертатсияи иҷронамудаи Тағойназарзода Амриддин таҳқиқоти комил ва ба итмомрасида ба ҳисоб меравад.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, ҷойгир карда шудааст.

**8. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешкаш карда шудааст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Илова ба ин қайд кардан ба маврид аст, ки диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ин муаллифи он

Тағойназарзода Амриддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Муқаррризи расмӣ: н.и.и., дотсент мудири молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Убайдуллозода Ф.У.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, (992) 231-08-43.

Имзои н.и.и., дотсент **Убайдуллозода Ф.У**.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

**«28» 11 2025 сол.**